*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраи донишҷӯён, бинои таълими 7)*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи "Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.***

Барои баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ, низоми машваратҳои электронӣ ва низоми самаранокиаш баланди рақамии хизматрасониро ҷорӣ кардан зарура аст, то ки муштариён оид ба тартиби додани қарзҳо огоҳ шаванд. Ба мақсади коҳиш додани хавфҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва паст кардани меъёри фоизҳо доир ба қарзҳо ва инчунин, барои он ки хароҷоти вақтро барои ҷустуҷӯйи маълумот дар бораи муштарӣ кам намоем, пешниҳод мегардад, ки дар якҷоягӣ бо бонкҳои ватанӣ пойгоҳи боэътимоди иттилоотӣ дар бораи муштариён сохта шуда, низоми дақиқи шиносоӣ ва таърихчаҳои қарзии онҳо ҷорӣ карда шавад. Муаллиф дар автореферати диссертатсияи худ иброз медорад, ки фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ташаккули низоми амалкунанда вобаста аст. Фаъолияти ташкилотҳо ва сохтори таркибии онҳо аз рӯйи ухдадориҳои умумӣ-ҳатмӣ, ухдадориҳои дохилиташкилотӣ ва тибқи қонунгузории ҷорӣ амал мекунанд. Ҳамин тариқ, нақши маблағгузории хурд дар ҳавасмандии худмашғулиятии аҳолии камбизоат, ташаккул ва равнақи микробизнес аз ҷониби хоҷагиҳои хонаводагӣ дар деҳот ва ҳамчунон дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои истеъмолӣ хеле бориз аст.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои маблағгузории хурд бахшида шудаанд.

Вазирзода Д. Р. зимни таҳқиқотҳои худ тамоюли рушди маблағгузории хурд ва арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи методологии вобаста ба маълумотҳои расмии мавҷуда хуб таҳлил намуда, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти ҷоёдошта тавсияҳои муфид мешниҳод намудааст. Аз нигоҳи мо амалигардонии пешниҳодҳои тавсиянамудаи унвонҷӯ метавонанд дар равнақи маблағгузории хурд, инчунин рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат заминаи хуб гузошта бошанд.

Муаллифи автореферат бо истифода аз маълумотҳои зиёди илмӣ ва маълумотҳои омории муассисаҳои молиявӣ таҳлилҳои гузаронида, тариқи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо ииникос кардааст. Ҳангоми таҳлил муаллиф иброз медорад, ки шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 307877 нафар дар соли 2015 то ба 577473 нафар дар соли 2023 расонида шуда, ба миқдори 269596 нафар зиёд гардидааст(саҳ, 17).

Дар давраи таҳлилӣ шумораи мизоҷони ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба миқдори 284998 нафар зиёд ва мутаассифона камшавӣ дар ташкилотҳои қарзии хурд ба миқдори 12585 нафар ва фондҳои қарзии хурд ба миқдори 2817 нафар ба чашм мерасад(саҳ,20).

Дар навбати худ кори илмӣ бурд, мекард, ки агар муаллиф таҷрибаи хориҷиро оид ба масъалаи маблағгузории хурд мавриди таҳқиқ қарор дода, имконияти тадбиқи онро дар ҶТ асоснок мекард.

Дар маҷмӯъ, аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бар меоянд, ки диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат мавзуи рӯзмара буда, ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, мудири кафедраи**
**фаъолияти биржавии Донишгоҳи**
**давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Мирсаидов С.А.**

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, куч. Нахимов, 64/4, Телефон: (+992) 927802994, E-mail: surush-sa @mail.ru

*Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А-ро тасдиқ менамоям.*

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДМИТ, н.и.ҳ.** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

20. 06. 2024